# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «05» 03 соли 2024 № 31/б ш. Душанбе

*Дар бораи баробарарзиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) самти илмҳои тиббӣ (01№ 008469), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 29 декабри соли 2022 (протоколи №330/1) ба Назиров Сироҷиддин Назирович аз рӯйи ихтисоси 14.00.24-Тиббӣ судӣ дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D110135-Экспертизаи тиббӣ баробарарзиш дониста шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории як адад дипломи намунаи давлатии баробарарзишии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D110135-Экспертизаи тиббӣ чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Базаров Ш.Э.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2024, № 1.

Раис Давлатзода С.Х.